**Тақриз**

**ба автореферат ва диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар баробари калимаву ибора ҷумла низ воҳиди меҳварии наҳви ҳар як забон ба шумор меравад, зеро онҳо бо ҳам алоқаи мустаҳкам дошта, дар дохили ҷумла бо ҳам якҷоя омӯхта мешаванд. Ҷумла ва ҷумласозӣ дар низоми наҳв мавқеи густурдаеро соҳиб аст, чунки таъмини мубодилаи афкор дар забон маҳз ба воситаи он имконпазир мегардад.

Диссертатсияе, ки муҳаққиқ анҷом додааст, хеле мубрам буда, як саҳифаи наверо дар омӯзишу таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ боз намудааст.

Рисола «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» номгузорӣ шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқот, маводи асосии таҳқиқот маълумот дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия - **«Масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ»** муаллиф ба пажуҳиши масоили назариявии мавзуъ рӯ оварда, нахуст фикру андешаҳояшро роҷеъ ба мафҳуми ҷумлаи мураккаб ҳамчун воҳиди олиташаккули синтакси баён намуда, сипас, ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашавандаро гурӯҳбандӣ кардааст. Шеваву усули таҳлил, тартиби баёни фикру андешаҳои муаллиф ҷолиби диққат буда, ҳангоми ошноӣ бо матни рисола маълум гардид, ки омӯзиши масоили назариявии мавзуъ пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибати забонҳои муқоисашаванда дастабандӣ шуда, хосиятҳои типологии онҳоро муаллиф бо мисолҳои равшану возеҳ муайян намудааст. Яке аз ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф ҳангоми таҳлили мисолҳо муодили англисии онҳоро пайдо намуда, номувофиқати ва тафовути ҷумлаҳоро ошкор сохтааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ**» номгузорӣ шуда, муаллиф дар он аз се анвои ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат, ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ёдовар мешавад. Масалан,

ҳангоми таҳқиқи ҷумлаи пайрави тарзи амал, муаллиф хусусиятҳои маъноии ин намуди ҷумлаи пайраврo аз нигоҳи муқоиса таҳлил намуда, умумияту монандии онҳоро қайд кардааст. Ҳамзамон дар ин боб муаллиф нақши вожаҳои ҳамнисбат ва пайвандакҳоро дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат муайян намудааст.

Диссертатсия гарчанде ки арзиши баланди илмӣ дошта бошад ҳам, дар он баъзе норасоиву камбудиҳо ҷой доранд, ба монанди:

1. Муаллиф гарчанде ки дар раванди таҳқиқи хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави ҳол бештар ба воситаҳои грамматикии ин анвои ҷумла таваҷҷӯҳ намуда бошад ҳам, таҳлили ҷойгоҳи мутобиқати шаклҳои феълӣ ҳамчун воситаи грамматикӣ дар ташаккули баъзе аз ҷумлаҳои пайрави ҳол аз назари муҳаққиқ дур мондааст.

2. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ҷой доранд (с. 7, 11, 15, 37 ва ғ.).

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои зикршуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муҳаққиқро пурра бозгӯ менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Номзади илми филологияи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулямов Ҳайдар Қаландарович

«Имзои н.и.ф. Гулямов Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj

«22» майи соли 2023